

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№51 (4947)

ДУШАНБЕ,
21 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



# ПАЁМИ ШОДБОШИИ

## Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 100-солагии таъсиси рӯзномаи «Ҷумҳурият»

**Муҳтарам ҳайати эҷодии рӯзномаи «Ҷумҳурият», аҳли қалам ва матбуот!**

Расо як аср пеш, ҳамагӣ чанд моҳ баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон, бо заҳмату пофишориҳо ва талошҳои фидокоронаи фарзандони миллатдӯсти тоҷик Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур, Чинор Имомов ва Абдураҳим Ҳоҷибоев нахустин шумораи рӯзномаи тоҷикӣ бо номи «Иди тоҷик» аз чоп баромад.

Ин рӯйдод оғози таърихи навини матбуоти тоҷик гардида, ба минбари муборизаи ҳақталошӣ, ҳифзи номи миллат, расму суннатҳо ва арзишҳои таърихиву фарҳангии тоҷикон табдил ёфт. Пайдоиши рӯзномаи миллӣ дар шароити ҳассосу тақдирсози он рӯзҳо барои мардуми шарифи Тоҷикистон воқеан ид буд, иде, ки тасаввураш имрӯз ҳам ба дилҳо фараҳ мебахшад.

Рӯзномаи миллӣ дар як муддати кӯтоҳ суханварони забардаст ва фидоиёни миллати тоҷик Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Абдулқодири Мунзим, Абулқосими Лоҳутӣ ва хабарнигорони ҳушёру бедорро аз гӯшаҳои гуногун гирд оварда, дар ҷомеа мартаба ва эътибори баланд пайдо кард. Имрӯз боифтихор ва эътимод метавон гуфт, ки агарчи «Иди тоҷик» ҳамчун нахустин рӯзномаи миллии дар Тоҷикистон нашргардида вобаста ба талаботи давру замон чанд бор табдили ному алифбо кардааст, вале ҳеҷ гоҳ табдили мақсаду маром накарда, дар иҷрои рисолати таърихии худ – хизмат дар роҳи бедории миллӣ содиқ мондааст.

Тайи 100 сол ин рӯзнома ҳамтақдиру ҳамқадами Тоҷикистони азизи мо ва инъикосгари тамоми шебу фарозҳои таърихи миллати тоҷик буд. Инак, 100 сол мешавад, ки таърихи ҳар рӯзи миллат дар саҳифаҳои ин рӯзнома барои наслҳои оянда сабт мегардад.

Рӯзнома ҳамчун яке аз рамзҳои бедории миллӣ, густаришу таҳкими ҳувияти миллӣ ва манбаи иттилои дақиқ, инчунин, ба ҳайси мактаби сиёсиву фарҳангӣ, дар рушди ҷомеа ва давлатдории тоҷикон нақши муассир дорад. Ҳоло «Ҷумҳурият» фаъолияти худро бо рисолату муҳтавои нав – густариши ғояҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва қонунсолорӣ ба роҳ мондааст.

Нашрия бо нашри матолиби рӯзмарра ва масъалагузориҳо дар асоси сиёсати дохиливу хориҷии Ҳукумати Тоҷикистони соҳибихтиёр мардумро бо арзишҳои истиқлолу озодӣ, ваҳдати миллӣ, ободониву созандагӣ ва рушду пешрафт ошно сохта, онҳоро ба гиромидошти забону фарҳанг ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ ташвиқ менамояд.

Бо дарназардошти нақши муҳими рӯзнома дар ҳаёти мардуми мамлакат, рӯзномаи «Ҷумҳурият» 14-уми марти соли 2000-ум бо фармони Президент нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Соҳиб шудан ба чунин мақоми расмӣ, албатта, барои аҳли эҷоди рӯзнома ифтихори бузург маҳсуб меёбад, вале аз ҷониби дигар, тақозо менамояд, ки масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифа, пеш аз ҳама, дар роҳи тарғибу ташвиқи дастовардҳои замони истиқлол ва ҳимоят аз арзишҳои милливу давлатӣ бояд боз ҳам тақвият дода шавад. Зеро дар ҷаҳони муосир нақши воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла матбуот, ҷиҳати расондани иттилооти саривақтӣ ва таҳлилу баррасии масъалаҳои мубрами ҷомеа ниҳоят муассир буда, ин василаи равшангароии миллат, ки ба таъбири устод Садриддин Айнӣ «сари сабзу забони буррои халқ» мебошад, ҳамчун рукни муҳими сиёсиву маънавии ҷомеа дар раванди ҳифзи асолати миллӣ, таҳкими арконი давлатдорӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии мардум ва таъмини пойдории адолату воқеият бояд нақши бориз дошта бошад.

Бовар дорам, ки аҳли эҷоди рӯзномаи дӯстдоштаи мардум – «Ҷумҳурият», минбаъд низ ба манфиати халқу кишвари азизамон тамоми қувва, дониш ва маҳорати хешро равона месозанд, дар кори амалӣ гардондани марому ҳадафҳои неки Ҳукумати мамлакат, вусъати демократисозии ҷомеа ва ислоҳоти васеъ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат саъю талоши бештар мекунанд.

Ҳамаи шумо – кормандони нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми матбуотчиёни кишварро ба ифтихори санаи таърихӣ, яъне 100-солагии ин минбари ҳувиятсоз самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар корҳои эҷодиатон бароры комёбӣ орзу менамоям.

**Саломату сарбаланд бошед!**

# ПАЁМИ ТАБРИКИИ

## Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе

### 19-уми апрели соли 2025, шаҳри Душанбе



**Ҳамдиёрони азиз!**

**Сокинони шарафманди пойтахт!**

Шуморо ба муносибати Рӯзи пойтахти маҳбубамон - шаҳри Душанбе, ки имсол ба 19 апрел рост меояд, самимона табрик мегӯям.

Басо рамзист, ки Рӯзи пойтахтро дар фасли зебои баҳор ва айёми сабзу гулпӯш гардидани табиати нотакрори диёрамон таҷлил менамоем.

Боиси ифтихор аст, ки зери сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талошҳои пайвастаи сокинони заҳматпешааш шаҳри Душанбе имрӯз на танҳо маркази маъмурию сиёсӣ ва илмию фарҳангии мамлакат, балки ба меҳвари ваҳдату ҳамбастагии мардуми кишвар табдил ёфтааст.

Имрӯз шаҳри Душанбе бо татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорию инноватсионӣ, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, сохтмони иншооти муосири маъмурӣ, маданӣ, хизматрасонӣ ва шаҳрвандӣ ва азнавсозии инфрасохтор дар таъмини ҳадафҳои миллӣ ва пешрафту суботи мамлакат саҳми бориз мегузорад.

Боиси ифтихор аст, ки дар пойтахти азизи мо мунтазам чорабиниҳои муҳими сиёсӣ, илмию фарҳангиву варзишӣ дар сатҳи баланду хотирмон доир мегарданд ва аз таваҷҷуҳи торафт афзояндаи ҷаҳониён нисбат ба давлату миллати тоҷик ва таъриху фарҳанги куҳани он далолат медиҳад.

Аз ин рӯ, рисолати ҳар як сокини пойтахтро дар ободтару пешрафта гардонидан ва муаррифии шоистаи пойтахти азизамон бори дигар зикр карда, итминони комил дорам, ки сокинони бофарҳанги пойтахт онро бо муҳаббати хос ба ҷо меоранд ва дар таъмини ободии Душанбешаҳр саҳми арзишманди хешро мегузоранд.

Бо ибрози ниятҳои нек орзуи онро дорам, ки шаҳри Душанбе ба макони амалишавии орзую умедҳои ҳар яки шумо мубаддал гардад.

**Рӯзи пойтахт муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА РОССИЯ

## (Идомаи сафари корӣ)

**18-уми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Санкт-Петербург ҳамроҳи роҳбарони ҳайатҳои парламентии кишварҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар маросими гулгузорӣ дар оромгоҳи ёдгории Пискарёв иштирок намуданд.**

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ҳамон ҷо дар назди лавҳаи хотиравии сарбозони қаҳрамони тоҷикистонӣ - ҳимоятгарони шаҳри Ленинград дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гулдаста гузошта, ба хотираи шаҳидон арҷ гузоштанд.

**18-уми апрели соли равон дар доираи чорабиниҳои Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Маулен Ашимбаев мулоқот анҷом доданд.**

Дар мулоқот ҳолати имрӯза ва дурнамои муносибатҳои стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Қазоқистон, инчунин, робитаҳои байнипарламентии ду давлат мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев ба Тоҷикистон дар соли 2024 ва баимзорасии Аҳднома дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ миёни ду кишвари бародар рӯйдоди муҳим дар таърихи муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо аз раванди рушди бемайлони ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Дар идомаи суҳбат ҷонибҳо оид ба дурнамои таҳкими ҳамкории ҳар ду давлат дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла тақвияти минбаъдаи равобити байнипарламентӣ, ибрози назар карданд.



**18-уми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Қасри Таврическийи шаҳри Санкт-Петербург дар кори ҷаласаи 58-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок намуданд.**

Дар кори ҷаласа, ҳамчунин, раисони парламентҳо ва ҳайатҳои парламентии ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия иштирок намуданд.

Дар доираи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи пленарӣ лоиҳаҳои якчанд қонуни намунавии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла дар бораи баҳодиҳии кадастрии давлатӣ, технологияҳои зеҳни сунъӣ, ворид намудани тағйирот ба ҷанбаи рақамикунонии Кодекси намунавии таълим дар давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.



**Дар идомаи рӯз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ҷаласаи тантанавии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба муносибати 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣи солҳои 1941-1945 иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Ҷаласаи тантанавиро Раиси Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко оғоз бахшида, зери оҳанги мутантан ба толор нусхаи Парчами Ғалаба ворид карда шуд.

Зимни суханронӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамтоёни худ ва ҳозиринро ба муносибати фарорасии ҷашни 80-солагии Ғалаба самимона табрик гуфта, таҷлили ин санаро аз анъанаҳои муҳими таърихии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, намунаи ваҳдат, ҳамбастагӣ ва ҳифзи муштараки сулҳ дар саросари олам номиданд.

Таъкид карда шуд, ки дар солҳои ин ҷанги пурфоҷиа танҳо аз Тоҷикистон беш аз 300 ҳазор нафар ба майдони муҳориба рафта, беш аз 100 ҳазор нафари онҳо дар ин ҷанг ҳалок гардиданд.

Тақрибан 45 ҳазор сокини Тоҷикистон ба корхонаҳои минтақаҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба кор фиристода шуданд, ки аксарияти онҳо аз он ҷо ба ҷанг рафтанд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Бисту якуми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум пешниҳод гардиданд.

Ҳамчунин, масъала «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба он Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.



Шурои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

# САФАРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА РОССИЯ

## (Идомаи сафари корӣ)






(Идома аз саҳ. 1)

Ҷанговарони тоҷик дар ҳама муҳорибаҳои шадиди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, яъне мудофиаи Москва, қалъаи Брест, Киев, Смоленск, Одесса, Севастопол ва дигар шаҳрҳо, инчунин, дар муҳорибаҳои шадиди занҷираи Курск ва озод кардани Ленинград аз муҳосира ҷоннисорона иштирок карданд.

Дар баробари ин, калонсолон ва наврасону кӯдакон дар ақибгоҳ бо машаққати зиёд шабу рӯз заҳмат кашида, ҳамаи захираҳои мавҷудаи моддию техникӣ ва инсониро барои таъмини эҳтиёҷоти ҷабҳа сафарбар карда буданд.

Мардуми Тоҷикистон дар ҳамон солҳо, бо вуҷуди дар шароити бисёр вазнин қарор доштан, даҳҳо ҳазор нафар занону кӯдаконро аз ҷумҳуриҳои дар хати ҷанг қарордошта қабул карда, нисбат ба ҳамаи онҳо ғамхорӣ зоҳир намуданд.

Бо ифтихору қаноатмандӣ таъкид гардид, ки Тоҷикистон дар қатори дигар халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар Ғалабаи бузург саҳми арзанда гузоштааст.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, роҳбарони дигар ҳайатҳои парламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Котиби генералии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, намояндагони ташкилоти собиқадорон, маъмурияти шаҳри Санкт-Петербург ва Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонони Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар фарҷом ба иштирокдорони ҷаласаи тантанавӣ барномаи фарҳангӣ бахшида ба 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 намоиш дода шуд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баъд аз иштирок дар ҷаласаи 58-уми пленарии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ба Ватан баргаштанд.

**www.majmilli.tj**

---

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РОҲНАМОИ ТАҚДИРСОЗ

**Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, ҳамчун ҳуҷҷати беназир ва роҳнамои рушду такомули тамоми бахшҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, дар ҳама самтҳо дурнамои рушди устувори кишвар равшан таҷассум гардидааст.**

Президенти кишвар дар Паём соҳибкориро омили калидии рушди иқтисод номиданд. Зикр шуд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ, ҷорӣ намудани сабукиҳои андозӣ ва кам намудани монеаҳои маъмурӣ чораҳои нав андешида, таваҷҷуҳи махсус ба рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчун воситаи асосии эҷоди ҷойҳои нави корӣ равона мегардад. Таъкид шуд, ки рушди иқтисодӣ бояд ба принсипҳои устуворӣ, худтаъминкунӣ ва рақобатпазирӣ асос ёбад.

Ҳамзамон, Пешвои миллат зарурати таҳкими иқтидорҳои дохилӣ, махсусан дар соҳаҳои саноат, энергетика ва кишоварзӣ, инчунин, густариши ҳамкориҳои байналмилалиро таъкид намуданд. Яъне, бо ташаббусу ибтикороти бевоситаи Пешвои миллат Тоҷикистони азизи мо ба яке аз марказҳои бузурги энергетикии минтақа табдил меёбад. Лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла НБО «Роғун», на танҳо талаботи дохилиро таъмин мекунанд, балки ба содироти неруи барқ ба кишварҳои ҳамсоя мусоидат менамоянд.

Яке аз омилҳои таҳкимбахш ва самарабори рушду равнақи ҷомеаи муосир фаъолияти назарраси бахши судӣ мебошад, ки дар ин замина таваҷҷуҳи Пешвои миллат бештар ба фаъолияти шаффофи судӣ нигаронида шудааст, зеро ин ҷанбаи фаъолияти судӣ яке аз марҳилаҳои ҳассос ва тақдирсоз ба ҳисоб меравад.

Тӯли солҳои охир барномаи муҳими ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби Ҳукумат татбиқ шуд ва Сарвари муаззами давлат бори дигар таъкид намуданд, ки «тақвияти фаъолияти ҳокимияти судӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти суд бо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайванди ногусастанӣ дорад ва бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ 5-уми январи соли 2015 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» тасдиқ гардид. Татбиқи барномаи мазкур барои боз ҳам устувор шудани сохтори мақомоти судӣ ва пешрафту пурсамар гардидани фаъолияти онҳо, таҳкими ҳамкории мақомоти судӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин, ҷиҳати иҷрои санадҳои судӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид».

Хушбахтона, ҳоло дар кишвар тавассути сиёсати одилонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 -2030 амалӣ шуда истодааст. Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Муҳимияти ин нуктаро Президенти кишвар дар Паём аз 28-уми декабри соли 2023 чунин зикр карданд: «Масъалаи дигари муҳим, ки дар низоми ҳуқуқии кишвар нақши калидӣ дорад, таъмини волоияти қонун буда, он меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамоянд».

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эътимоду боварии комил ба кормандони соҳа чунин изҳор намуданд: «Итминон дорем, ки роҳбарият ва кормандони Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шурои адлия ва Прокуратураи генералӣ бо дарки масъулияти баланди касбӣ ҷиҳати амалисозии адолати судӣ, таъмини волоияти қонун ва гузашта аз ин, дар роҳи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва ташкилотҳо тамоми тадбирҳои заруриро меандешанд».

Ин боварию эътимод ҳисси масъулияти ҳар як корманди соҳаро боз ҳам бештар менамояд. Хурсандиовар он аст, ки бо саъю талоши бевоситаи Сарвари муаззами давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон сатҳи зиндагии сокинони ҷумҳурӣ сол ба сол хубтару беҳтар мешавад. Ҳамчунин, боиси нишоту ифтихор аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҳдиду хатарҳои афзояндаи ҷаҳонию минтақавӣ ва бо мақсади пайгирӣ намудани вазифаҳои муайяншуда дар тамоми бахшҳои хоҷагии халқи мамлакат мунтазам чораҳои судманду манфиатбахшро амалӣ менамояд.

5-уми декабри соли 2024 Президенти кишвар дар маросими ифтитоҳи бинои нави Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки «Ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии мо буда, нақшу мавқеи он дар пешрафти ҷомеа хеле муҳим аст. Дар ҳамин асос, соли 1995 барои рушду такмили фаъолияти мақомоти судӣ шаш қонуни конститутсионӣ қабул карда шуд. Қонунҳои зикршуда фаъолияти судҳои кишвар ва низоми судиро мукаммал гардониданд».

Мо, кормандону масъулини судҳо ва тамоми шаҳрвандони кишвари азизамон, набояд фаромӯш намоем, ки ҳар як дастуру супориши Президенти кишвар ҳидоятгару роҳнамои ҳақиқии миллат барои солҳои оянда мебошад ва Паём чун ҳуҷҷати тақдирсоз на танҳо самтҳои сиёсати давлатӣ, балки рушду тараққии худи Тоҷикистони мустақили моро муайян месозад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи ҷумҳурии азизамон ба меҳнати софдилонаю пурбаракат машғул гашта, бо фаъолияти содиқона ба нафъи Ватани азизамон хидмати шоистаю назаррас намоем.

**Шодӣ НАЗАРЗОДА,**
**судяи суди ноҳияи Файзобод**

---

# ТАРҲЕ, КИ БА МАНЗИЛҲО РАВШАНИЮ БА ДИЛҲО СУРУР МЕОРАД

**Яке аз рӯйдодҳои муҳими таърихие, ки 31-уми марти соли равон зимни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров ба вуқӯъ пайваст, мавриди истифода қарор гирифтани хати интиқоли барқи 500 кВ «Датка-Суғд» мебошад. Хати интиқоли барқи 500 киловолтаи мазкур дар доираи татбиқи лоиҳаи CASA-1000 сохта шудааст, ки шабакаҳои барқи Тоҷикистону Қирғизистонро бо ҳам мепайвандад.**





Қабл аз ин рӯйдоди фараҳбахш, дар доираи лоиҳаи минтақавии хати интиқоли барқи CASA-1000 дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон сохтмони истгоҳи конверторӣ ба иқтидори 1300 мегаватт ба анҷом расид. Иншооти мазкур дар 43 гектар доман паҳн карда, таҷҳизоти асосии он дар 25 гектар ҷойгир шудааст. Чунин истгоҳи барқӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ беҳамто буда, дар асоси технологияҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ бунёд гардидааст. Он аз марҳилаи санҷиши техникӣ бомуваффақият гузашт.

Тавре сармутахассиси лоиҳаи минтақавии хати интиқоли барқи CASA-1000 Исмоили Усмоналӣ иброз дошт, зимни бунёди иншооти мазкур тамоми чораҳо андешида шудааст, то талафоти барқ пешгирӣ шавад. Таҷҳизоти насбшуда аз маркази идоракунии истгоҳи конверторӣ назорат ва идора мешавад. Истгоҳ пурра бо камераҳои назоратӣ муҷаҳҳаз аст.

Зимни боздид аз истгоҳи конверторӣ намояндаи ширкати «Кобра» Набиҷон Тоҳиров ва ширкати «Ҳитачи энерҷи» Винод Кумар дар бораи риояи қоидаҳои бехатарӣ дар иншооти мазкур ба рӯзноманигорон иттилоъ доданд, ки то ин дам васлу насби конструксияҳои металлӣ ва тамоми таҷҳизоти зарурӣ ба анҷом расида, аз озмоиш гузаштаанд.

Таҷҳизоти истгоҳи конверторӣ асосан аз Шветсия, Австрия, Кореяи Ҷанубӣ, Чин, Швейтсария ва Ҳиндустон ворид шудааст. Бунёди иншооти мазкур имкон медиҳад, ки интиқоли барқ байни Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ самаранок амалӣ гардад. Дар назар аст, ки баъд аз пурра васл намудани хатҳои интиқоли барқи баландшиддат аз марзи Афғонистону Тоҷикистон то Навшераи Покистон дар давраи баҳору тобистон аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон 1300 мегаватт неруи барқ ба Покистон интиқол дода шавад.

Лоиҳаи мазкур на танҳо ба рушди инфрасохтори энергетикии Тоҷикистон мусоидат менамояд, балки дар таъмини устувории низоми барқи Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ низ нақши муҳим дорад.

Амалишавии лоиҳаи CASA - 1000 далели возеҳи саҳми Тоҷикистон дар рушди иқтисоди «сабз» ва гузариш ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия мебошад.

Боздид аз иншооти мазкур моро баояндаи неки ин тарҳи муҳими минтақавӣ хушбин намуд. То ин дам аз баракати амалисозии тарҳи CASA - 1000, аз ҷумла лоиҳаи дастгирии ҷомеа мактабу боғчаи кӯдакон, бунгоҳи тиббӣ, роҳу пул, хатҳои нави интиқоли неруи барқ ва ғайра бунёд гардиданд. Баъд аз пурра мавриди истифода қарор гирифтани тарҳи CASA - 1000 манзили миллионҳо нафар чароғон гардида, ҳазорон нафар дар корхонаҳои навбунёд бо кор таъмин хоҳанд шуд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

---

# БУНЁДИ МЕТРО ТАНБАШАВИРО РАФЪ МЕКУНАД

**Душанбеи дилорою гулбоғи мо рӯз ба рӯз рушду тараққӣ карда, бо азму талошҳои шабонарӯзии Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ боз ҳам шукуфон мегардад.**



Аз ташвишу саргардониҳои ҳаррӯзаи масъулину мутасаддиёни мақомоти шаҳрӣ огаҳӣ доштам ва бо чашмони хеш медидам, ки чӣ қадар корҳои таъҷилӣ сари маҳал матраҳ гашта, оҷилан ба сомон мерасиданд. Ҳатто дар кучактарин масоили мавҷуда - маркази шаҳрро худсарона убур кардани мошинҳои гаронвазн, резонидани ҳар гуна ашёву шағал рӯи ҷодаю шоҳроҳҳо, пайдо шудани худравҳои ифлосу ношуста ба таври хеле ҷиддӣ пайгирӣ мегашт. Пайваста амалӣ гардидани ин иқдом ва мунтазам ислоҳ сохтани ин мушкилиҳо танбашавии доимии нақлиётро дар баъзе аз қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои пойтахт то ҷое бартараф менамуд.

Маврид ба зикри хос аст, ки чанд соли охир, маҳз бо саъю кӯшишҳои дурбинонаю ғамхоронаи Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ эстакадаҳо ва ё роҳҳои дуқабатаю сеқабата дар пойтахт бунёд гашт, вале чӣ ҷои баҳсу мунозира аст, ки даҳсолаи охир теъдоди нақлиёт дар ҷумҳурӣ аз меъёри мавҷуда хеле зиёд шудааст.

Иқдоми хуби дигар, ки бо ибтикори бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ вусъат гирифта, комилан дар амал татбиқ гардид, ин аст, ки қисматҳои роҳҳо дар пойтахт васеъ карда шуда, барои худравҳои сабукрав садҳо таваққуфгоҳи хурду бузург сохта шуданд.

Хушхабари тозатарин дар ин ҳошия дар оянда бунёд гардидани метро дар шаҳри Душанбе мебошад, ки дар қалби ҳар як нафаре аз мо - аҳли қалам низ фараҳу нишоти махсусеро илқо сохт. Инчунин, иттилои расмӣ пахш гардид, ки метро дар шаҳри Душанбе тахминан аз се хат иборат буда, аслан аз минтақаи назди бинои Сирки тоҷик ибтидо мегирад. Яъне, нақшаи дурнамои хатсайрҳои зеризаминии метрои пойтахт дар маҷмуъ: истгоҳҳои Сирк, Ипподром, Қасри миллат, Маҷмааи Истиқлол, Боғи ботаникӣ, Корхонаи сементи тоҷик; муҷассамаи Ғалаба, Садбарг, кӯчаи Айнӣ, Душанбе-1, Фурудгоҳ, Маркази саломатӣ, кӯчаи Қаротегин, километри 9-ум; Кумитаи андоз, Саховат, Корвонро ташкил хоҳад дод. Ба ҳар минвол, дар марҳилаи аввал нақшаи сохтмони хати метро аз Сирки давлатӣ то дарвозаҳои ҷанубӣ, шимолӣ ва шарқии пойтахт тӯл мекашад.

Набояд фаромӯш намоем, ки дар шаҳри Душанбе бо мурури афзоиши аҳолӣ ва теъдоди зиёди худравҳо танбашавии воситаҳои нақлиёт ба яке аз мушкили асосии таъмини ҳаракати бемамониати нақлиёт табдил ёфта, вазъи мавҷударо торафт печидаю мураккабтар мегардонад, вале итминони комил дорем, ки дар наздиктарин мӯҳлат кулли ин мушкилиҳо комилан ислоҳ гардида, нақшаҳои пешбинишуда пурра амалӣ ва дар шаҳри Душанбе роҳҳои нави дуқабатаю сеқабата ва метро бунёд мегардад.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

---

Тозанашр

# «ТУҲФАИ ТАҚДИР» БА АҲЛИ ҚАЛАМ

**Соли равон «Модари матбуоти тоҷик» (таъбири устод Садриддин Айнӣ) - рӯзномаи «Ҷумҳурият» ҷашни 100-солагиашро таҷлил намуд. Вобаста ба санаи мазкур як қатор рӯзноманигорон дар бораи ин нашрияи маъруф дар шумораҳои гуногуни он хотираҳояшонро баён карданд.**




Чанде пеш нашриёти «Адиб» китоби фелетоннависи шинохта, Аълочии матбуоти Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Ҳабибулло Ёровро, ки 20 сол (1971-1991) дар ин рӯзномаи муътабар фаъолият кардааст, зери унвони «Туҳфаи тақдир» аз чоп баровард. Муаллиф дар ин маҷмуа хотираҳояшро аз ҳамкорӣ бо рӯзноманигорони машҳури кишвар Шодӣ Саидов, Ғоиб Қаландаров, Ибод Файзуллоев, Нур Табаров, Турсунбой Маҳмадаминов, Шафқат Саидов, Ато Ҳамдам, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Асадулло Саъдуллоев, ки ба журналистони зиёде ҳаққи устодӣ доранд, хеле ҷолиб ба қалам додааст.

Тавре дар сарсухани китоб таъкид шудааст, «Вай (Ҳ. Ёров) дар бораи худаш не, дар бораи ҳамкоронаш, устодонаш ва дӯстонаш дар ин рӯзнома, дар бораи муҳити рӯзнома, дар бораи хусусияти рӯзнома ва дар бораи аҳамияти рӯзнома сухан мегӯяд. … Чӣ қадар содиқ ва дилбохтаи ин рӯзнома будан даркор аст, ки дар хусуси ҳамаи ин хотираро бедор кунӣ ва сухани неке аз таҳти дил гӯӣ».

Ҳабибулло Ёров дар оғози китоб давраи ба рӯзноманигорӣ пардохтанашро ба ёд оварда, зикр мекунад, ки бо маслиҳати ҳамсинфаш Назри Яздонӣ ва Абдулҳамид Самад аз маоши баланди омӯзгорӣ (180 сӯм) даст кашида, ба сифати ёрдамчии мусаҳҳеҳ (бо маоши 65 сӯм) ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба кор омад.

Муаллиф аз давраи сармуҳарририи рӯзноманигори варзида Ғоиб Қаландаров бо ихлосу эҳтиром ёдовар шудааст: «Минбаъд фақат мақолаҳои ҷиддии проблемавӣ-танқидӣ навис. Ту метавонӣ. Ман саҳифаҳои «Назорати халқӣ»-ро ки ҳар моҳ тайёр мекунӣ, варақ задам. Ту онҳоро аз рӯйи маълумотномаю рейдҳои Кумитаи назорати халқии ҷумҳурӣ ва кумитаҳои шаҳру ноҳияҳо тайёр мекунӣ. Аз ин рӯ, онҳо хушку қолабиянд. Аз ин услуб даст каш, ки муфтхӯру танбал мешавӣ. Баръакс, органҳои тафтишот, аз ҷумла Кумитаи назорати халқӣ, ҳам бояд ба матолиби танқидии рӯзнома ҷавоб диҳанд, на ин ки рӯзнома хулосаву натиҷаҳои рейду тафтишҳои онҳоро чоп кунад. Танқид бояд ҷиддӣ бошад, на қолабӣ».

Китоб барои аҳли қалам, махсусан касоне, ки нав ба шоҳроҳи рӯзноманигорӣ қадам гузоштаанд, дастуру роҳнамои муфидест.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ҶДММ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «ФИНКА»

Crowe

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300,
Dushanbe, Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

Ба иштирокчиён ва Шурои нозирони ҶДММ ташкилоти амонатии қарзии хурди "ФИНКА":

***Хулоса***

Мо аудити ҳисоботи молиявии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "ФИНКА" (минбаъд - Ширкат)-ро, ки аз ҳисобот оиди вазъияти молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2024, ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳисобот оиди даромади маҷмуӣ, ҳисобот оиди тағйирот дар ҳайати воситаҳои худӣ, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ барои соли 2024, инчунин тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла шарҳи мухтасари қисмҳои асосии сиёсати ҳисобдорӣ иборат аст, баргузор намудем.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодгашта ҳолати молиявии Ширкат дар ҳама равандҳои назаррас ба санаи 31 декабри соли 2024, инчунин, натиҷаҳои молиявӣ ва гардиши воситаҳои пулии онро дар соли 2024 дар мувофиқат бо стандартҳои байналмилалии СБҲМ эътимоднок инъикос менамояд.

***Асос барои баёни хулосаи аудиторӣ***

Мо аудиторон дар мувофиқат бо стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) баргузор намудем. Уҳдадориҳои мо дар мувофиқат бо ин стандартҳо, минбаъд дар қисми «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ»-и хулосаи мо қайд гаштаанд. Мо дар алоқамандӣ бо Ширкат дар мувофиқат бо Кодекси ахлоқии муҳосибони касбии Шуро оид ба стандартҳои байналмилалии ахлоқӣ барои муҳосибон (Кодекси ШСБАМ) ва талаботҳои ахлоқии нисбат ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда мустақил буда ва аз ҷониби мо уҳдадориҳои дигари ахлоқӣ дар мувофиқат бо ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро гаштаанд. Ба ақидаи мо, далелҳои аудитории аз ҷониби мо гирифташуда, барои истифода намудани онҳо ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи мо кифоя ва қобили қабул мебошанд.

***Эзоҳот оиди зоҳир намудани таваҷҷуҳ***

*Азнавҳисобкунии муносиб*

Мо диққатро ба Эзоҳи 3 ҷалб менамоем, ки дар он тавсиф карда мешавад, ки асъори амалиётӣ ва пешниҳоди ин ҳисоботи молиявӣ сомонии тоҷикӣ аст. Маблағҳо бо доллари ИМА, ки дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳод шудаанд, аз тарафи СБҲМ талаб карда нашудаанд ва ҳамчун маълумоти иловагӣ барои қулай будан барои истифодабарандагон пешниҳод карда шудаанд. Маблағҳо дар ҳисоботи молиявии ҳамроҳшуда, ки ба доллари ИМА гузаронида шудаанд, дар асоси дар Эзоҳи 3-и ҳисоботи молиявӣ овардашуда, ҳисоб карда шудаанд ва ҳатман маблағи доллари ИМА-ро, ки ҳангоми ҳисоббаробаркунии дороиҳо ва уҳдадориҳои Ширкат мегирифт ё пардохт менамуд, нишон намедиҳанд. Ин масъала ба тағйир додани ақидаи мо мусоидат накардааст.

***Масъалаҳои муҳими аудит***

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки мувофиқи муҳокимаи касбии мо, барои аз ҷониби мо баргузор намудани аудити ҳисоботи молиявии давраи ҷорӣ нисбатан муҳимтар ба ҳисоб мерафтанд. Ин масъалаҳо ба таври ягона дар доираи аудити ҳисоботи молиявии мо ва ҳангоми омода сохтани хулосаи мо оиди ин ҳисобот баррасӣ гардиданд ва мо хулосаи алоҳидаро оиди ин масъалаҳо баён наменамоем. Шарҳи мо, оиди он ки ҳар як масъалаи дар поён қайдгашта, чӣ тавр дар рафти аудит баррасӣ гашта буд, дар ин доира оварда шудааст.

Мо уҳдадориҳои дар қисми «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ»-и хулосаи мо шарҳ додашударо, аз ҷумла дар алоқамандӣ ба ин масъалаҳо иҷро намудем. Мутобиқан, аудити мо иҷроиши расмиёти барои баҳодиҳии хавфҳои ба таври назаррас таҳриф гаштани ҳисоботи молиявӣ коркардгаштаро, дар бар мегирифт.

Crowe

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300,
Dushanbe, Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

***Масъалаҳои муҳими аудит (идома)***

Натиҷаҳои расмиётҳои аудитории мо, аз ҷумла расмиётҳои дар рафти баррасии масъалаҳои дар поён қайдгашта, иҷро гашта, ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи аудитории мо оид ба ҳисоботи молиявии замимагашта хизмат менамоянд.

| Масъалаи асосии аудит | Масъалаи мазкур дар рафти баргузории аудити мо чӣ тавр мавриди баррасӣ қарор гирифта буд |
|---|---|
| **Бекурбшавии қарзҳо ва пешпардохтҳо ба мизоҷон, инчунин, захираҳои ҳатмии характери қарзидошта** | |
| Дар алоқамандӣ бо назаррас будани қарзҳо ва пешпардохтҳо ба мизоҷон ва уҳдадориҳои характери қарзидошта, инчунин, дар алоқамандӣ бо номуайянии ба пардохти онҳо хосбуда, ҳисобкунии захира оид ба бекурбшавӣ ва захираҳо оид ба уҳдадориҳои характери қарзидошта яке аз масъалаҳои асосии аудит ба шумор меравад.<br><br>Барои сари вақт муайян намудани бекурбшавии қарзҳо ва пешпардохтҳо ба мизоҷон, инчунин, барои эътироф намудани захира оид ба уҳдадориҳои характери қарзидошта муҳокимаҳои назаррас заруранд.<br><br>Ҳисобкунии захира оид ба бекурбшавии қарзҳо, ки ба таври коллективӣ баҳогузорӣ мешавад, истифодаи усули моделикунонии қарзиро бо истифодаи маълумотҳо ва омилҳои назарраси мушоҳиданашаванда, чун низоми дохилии додани рейтингҳо, инчунин, имконияти рӯй додани дефолт ва сатҳи зарари имконпазирро пешбинӣ менамояд.<br><br>Барои ҳисобкунии захира оид ба бекурбшавии қарзҳо ва захира оид ба уҳдадориҳои характери қарзидошта, ки ба таври алоҳида баҳогузорӣ мешаванд, баргузор намудани баҳодиҳии эҳтимолияти пардохти онҳо, ки ба маълумотҳои назарраси мушоҳиданашаванда, чун нишондиҳандаҳои молиявии контрагентҳо, гирдишҳоиояндаи пешбинишавандаи маблағҳо, арзиши таъминот ва ғайра асос ёфтаанд, зарур аст. Истифодаи усулҳои дигари моделикунонӣ ва имкониятҳо метавонист, ки ба натиҷаҳои тамоман дигар оварда расонад.<br><br>Маълумот оиди бекурбшавии қарзҳо ва пешпардохтҳои мизоҷон, инчунин, оиди уҳдадориҳои характери қарзӣ дошта, дар Тавзеҳот оиди қарзҳо оварда шудааст. | Дар рафти аудит мо диққати махсусро ба масъалаҳои зерин додем:<br><br>► Муҳокимаи роҳбарият дар алоқамандӣ бо ошкор гаштани ҳолатҳои қарзҳои назарраси ба мизоҷони корпоративӣ додашуда ва уҳдадориҳои характери қарзидошта;<br>► Пешбинии гардиши ояндаи маблағҳо, аз ҷумла гардишҳои пулие, ки сарчашмаҳои онҳо таъминот оид ба қарзҳо ва уҳдадориҳои характери қарзидошта буда, онҳо дорои нишонаҳои паст гаштани сифати қарзӣ мебошанд;<br>► Усулҳо ва имкониятҳои барои ба таври коллективӣ муайян сохтани бекурбшавии қарзҳо истифодагашта.<br><br>Дар доираи расмиёти аудитории мо, мо усулҳоеро баррасӣ намудем, ки Ширкат барои ошкор намудани ҳолатҳои бекурбшавӣ ва ҳисобкунии захира оид ба бекурбшавӣ ва захираҳои характери қарзидошта, истифода намудааст. Расмиёти аудитории аз ҷониби мо иҷрогашта, инчунин санҷиши интихобӣ оид ба сари вақт муайян намудани нишонаҳои бекурбшавиро дар бар гирифт. Барои қарзҳои назарраси интихобгашта, ки букурбшавии онҳо ба таври алоҳида баҳогузорӣ мешаванд, мо санҷиши имкониятҳоро дар алоқамандӣ бо пешбинии гардиши ояндаи маблағҳо, аз ҷумла арзиши таъминот, гузарондем. Барои ба таври коллективӣ таҳлил намудани бекурбшавӣ, мо санҷиши интихобии усулҳои қарзии ба чунин ҳисобкунии бекурбшавӣ асосёбанда, маълумотҳои асосии ниҳоӣ ва имкониятҳои истифодашударо гузарондем. Мо ҳамчунин, мутобиқати маълумотҳо дар алоқамандӣ бо захира оид ба бекурбшавӣ ва захираҳо оид ба уҳдадориҳои характери қарзидошта, ки дар ҳисоботи молиявии Ширкат, мувофиқ ба талаботҳои СБҲМ ифшо гаштааст, таҳлил намудем. |

Crowe

Crowe - ACG
Member of Crowe Global

45, Mirzo Tursunzoda St.,
Business Center "Poytaht",
2nd floor, office 300,
Dushanbe, Tajikistan
+ 992 (44) 640 41 41 Tel
+ 992 (44) 640 51 51 Tel
www.crowe.tj

***Дигар маълумотҳое, ки дар Ҳисоботи солонаи Ширкат барои соли 2024 фаро гирифта шудаанд***

Дигар маълумотҳо, маълумотеро дар бар мегирад, ки дар ҳисоботи солонаи Ҷамъият барои соли 2024 (минбаъд – «Ҳисоботи солона») оварда шудааст, вале ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории мо онро фаро намегирад. Масъулиятро барои дигар маълумотҳо роҳбарият бар дӯш дорад. Ҳисоботи солона, тахмин меравад, ки ба мо пас аз санаи хулосаи аудитории мазкур пешниҳод карда мешавад. Хулосаи мо оиди ҳисоботи молиявӣ дигар маълумотҳоро дар бар намегирад ва мо хулосаи инъикоскунандаи боварӣ ба маълумоти мазкурро пешниҳод нахоҳем кард.

Дар алоқамандӣ бо баргузор намудани аудити ҳисоботи молиявӣ, уҳдадории мо аз шиносоӣ бо дигар маълумотҳои дар боло қайдгашта дар вақти пешниҳод гаштани онҳо ва ҳамзамон, баррасӣ намудани масъала оиди ҷой доштани номувофиқатии назаррас миёни дигар маълумотҳо ва ҳисоботи молиявӣ ва ё донише, ки мо дар рафти аудит гирифтем ва таҳрифи назаррас надоштани дигар маълумотҳо иборат аст.

***Масъулияти роҳбарият барои ҳисоботи молиявӣ***

Роҳбарият барои омодасозӣ ва пешниҳоди эътимодноки ҳисоботи молиявии қайдгашта дар мутобиқат бо СБҲМ ва барои ҳамаи низоми назорати дохилӣ, ки роҳбарият барои омода сохтани ҳисоботи молиявии дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ё хатогиҳо таҳрифнагашта зарур мешуморад, масъулият бар дӯш дорад.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулиятро барои баҳодиҳии қобилияти Ширкат барои бефосила идома додани фаъолияти худ, барои дар ҳолатҳои муайян ифшо сохтани маълумотҳои ба бефосилагии фаъолият алоқамандбуда ва омода сохтани ҳисобот бо такя ба тавсифи бефосилагии фаъолият, ба истисной ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии Ширкат, қатъ намудани фаъолияти он ё дар вақти алтернативаи воқеӣ ба чунин амалҳо надоштани он, бар дӯш дорад.

***Масъулияти аудиторҳо барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Мақсади мо гирифтани итминони оқилона, оиди он ки ҳисоботи молиявӣ ба таври умумӣ дорои таҳрифҳои назаррас, ки дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ё хатогиҳо сар задаанд ва дар омодасозии хулосаи аудиторӣ, ки ақидаи моро дар бар мегирад, намебошад. Итминони оқилона, сатҳи баланди итминонро дар бар мегирад. Вале он кафолатро оиди он ки аудити мувофиқи СБА баргузор намуда, ҳамеша дар сурати ҷой доштан таҳрифҳои назаррас, онро ошкор менамояд дода наметавонад. Таҳрифҳо метавонанд, ки натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ё хатогиҳо бошанд, ва назаррас ҳисобида мешаванд, агар ба таври асоснок пешбинӣ кардан мумкин бошад ки онҳо ба таври алоҳида ва ё дар якҷоягӣ метавонанд, ки ба қабули қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки бо такя ба ин ҳисоботҳои молиявӣ қабул мешаванд, таъсир мерасонанд.

Дар доираи аудити дар мувофиқат бо СБА баргузоршаванда, мо муҳокимаи касбиро истифода намуда ва нобоварии касбиро дар тамоми давраи аудит нигоҳ медорем. Ғайр аз ин мо корҳои зеринро анҷом медиҳем:

